# ТАҚРИЗИ

мукаррizi расмӣ ба кори диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

*Мутобиқат ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 1* – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ;) ва *ба банди 2* - Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Олимов Тағойбек Шодиевич – масъалаи арзишҳои оиладорӣ яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, замони муосир, ки аз давраҳои қаблии таърихи башар бо хусусияти ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, зарурати ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самараноки таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан насли наврасро ногузир месозад, ки дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ истисно нест.

Вобаста ба ин, муаллифи таҳқиқот таъкид мекунад, ки дар раванди тарбияи насли наврас бояд афкору андеша ва таълимоту консепсияҳои педагогие мавриди истифода қарор гиранд, ки пайванди маънавию ахлоқии наслҳоро гусаста насохта, дорои моҳияти миллӣ ва дар баробари ин бо арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ робитаи амиқи таърихӣ ва омезиши қавӣ дошта бошанд, ки дар воқеъ ин андешаҳои унвонҷӯ воқеиятро инъикос мекунад ва бояд ки чунин ҳам бошад.

Зеро ки бо мурури замон анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявӣ аз озмоиши шадиди таърих гузашта, барои тавлиди арзишҳои нави маънавии наслҳои оянда заминаи устувор фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти хусусияти инноватсионииислоҳоти тамоми зинаҳои таҳсилоти ватанӣ омӯзиши амиқ, арзёбии воқеӣ ва истифодаи эҷодкоронаи афкори таърихию педагогии ниёгон, ки дар он нақши махсуси тарбиявии оила, нақши оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мавқеи намоён дорад, бағоят муҳим мебошад.

Бояд таъкид сохт, ки ғояҳои пешқадами педагогӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони халқи тоҷики асри XI, аз ҷумла Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, бахусус ташаккули арзишҳои оиладорӣ коркард шуда, дар тарбияи чандин насли аҳли башар нақши бориз гузоштаанд, ҳанӯз ба таври мушаххас ва мукаммал таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд ва бо дарназардошти ин дар воқеъ таърихи ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик, ҷойгоҳи оила, тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ба пажуҳиши мукаммалу ҳамаҷониба ва асосноксозии илмӣ зарурат доранд.

Андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Олимов Тағойбек Шодиевич дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба зарурати ташаккули арзишҳои оиладорӣ таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Олимов Тағойбек Шодиевич аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳими ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар мисоли осори Унсуралмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир баррасӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Аз ин нуктаи назар, метавон таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбекро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои оилаҳои муосир арзёбӣ кунем. Зеро ҷойгоҳи арзишҳои оиладориро солҳои охир батадриҷ арзишҳои ба ҳуввияту асолати миллии халқи тоҷик бегона танг карда истодаанд ва дар сурати бетаваҷҷуҳи аҳли ҷомеа он рӯз дур нест, ки

бархе аз арзишҳои миллӣ, аз он ҷумла арзишҳои оиладории миллиро аз даст диҳем.

Дар баробари ин, довталаб Олимов Тағойбек дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқику таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзӯи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:* Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Олимов Тағойбек, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия ва таҳлили натиҷаву дастовардҳои илмии унвонҷӯ аз он далолат мекунанд, ки навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нест. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

1) Бо далелҳои муътамад исбот карда шудааст, ки афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик, аз он ҷумла ба таври густурда осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, яке аз сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосри тоҷик ба шумор меравад. Фалсафа ва маърифати ориёӣ, дини Ислом ва назми тасаввуфӣ ба ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асри XI таъсири амиқ расонида, раванди минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, пойдории оила, рушди илму маориф, адабиёт ва ҳунари мардумони тоҷику форс ва халқҳои ҳамсоя аз афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик вобастагии амиқ пайдо кардааст.

2) Аниқ карда шудааст, ки зуҳури давлатҳои ҷудогона, ташаккулёбии низомҳои сиёсии миллӣ, таваҷҷуҳи хоси онҳо ба пешрафти илму маориф омили таконбахши ба майдони илму маърифат қадам ниҳодани орифон, шахсиятҳои соҳибхираду маъруф дар ҷодаи

илму адаб, ташаккул ва рушди афкори пешқадами педагогӣ дар асри XI гардида, ҷузъи муҳим ва гусастанопазири онро таълимот оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ташкил медиҳад.

3. Муқарар карда шудааст, ки афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз суннатҳои маърифатии мардуми ориёинажод, афкору андешаи таълиму тарбиявии осори гаронарзиши ниёгон сарчашма мегирад, ғояҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба суннатҳои оиладории мусулмонӣ такя намуда, дар натиҷаи ҳамгирой ва омезиши таърихӣ бо падидаҳои арзишманди фарҳанги хонаводагии ориёӣ, юнонӣ, мисрӣ ва ҳиндиву чинӣ ғановати бештар пайдо карда, бо шарофати пайомадҳои сиёсати оқилонаи давлати Сомониён на танҳо ба ташаккул ва рушди фарҳанги оиладории халқи тоҷик, балки баривоҷу равнақи одобу суннатҳои матлуби оиладории ҳалқҳои ҳамсоя таъсири амиқ расонидааст.

5. Муайян карда шудааст, ки дар мавриди анҷом додани таҳқиқи интиқодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳаввули афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва вобаста ба ниёзи ҷомеаи муосир синтез намудани ин афкору андешаҳои пурқиммат дар шароити вусъати бемайлони раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти хосаи илмӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ пайдо мекунанд.

6. Ошкор карда шудааст, ки афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар қиёс бо таълимоти муосири фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла афкори намояндагони барҷастаи педагогикаи олам, ки ба мавзуи мазкур бахшида шудаанд, арзиши бештари илмӣ-педагогӣ пайдо мекунад.

7. Хулоса бароварда шудааст, ки новобаста аз шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши таъриху фалсафаи педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги педагогии волидайн, суннатҳои меҳмондорӣ, одоби муоширатт, оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, нақши арзишҳои оиладории ниёгон дар пешгирии хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони демографӣ ҳалталаб боқӣ мемонанд, ки ба пажӯҳишҳои густурдаи илмӣ ниёз доранд.

Гузашта аз ин, унвонҷӯй дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи таҳлили амиқи таҳқиқоти педагогӣ

оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси эҷодии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, инчунин омӯзиши мустақими илмию назариявии осори педагогии онҳо оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ хусусиятҳои хоси осори педагогии ин мутафаккиронро ошкор намудааст, аз он ҷумла, собит карда шудааст, ки

- дар «Қобуснома»-и Кайковус ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба монанди никоҳ, вафодориву муҳаббат, меҳру садоқат, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва шафқати волидайн нисбат ба фарзандон, ғамхорӣ нисбат ба саломатӣ, илмомӯзиву донишандӯзӣ ва ахлоқи онҳо, донистани ҳаққи падару модар ва эҳтироми калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ дар оила, муносибати неку ба ҳамдигар ва ҳамсоягон, хешовандону дӯстон ва росқавлӣ дар ҳамбастагӣ ба ғояи асосии таълимоти сӯфия - тарбияи «Инсони комил» бо забони сода ифода шудааст;

- дар афкори педагогии Ғаззолӣ ва Кайковус тарбияи инсони идеалӣ ё ба ибораи тасаввуфӣ «Инсони комил» бо иштироки мустақим ва фаъолонаи падару модар таъкид шуда, ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ робитаи ногусастанӣ дорад;

- Ғаззолӣ заминаи муҳими солимию пойдории оиларо дар робитаи мустақим бо омодагии маънавию равонии никоҳшавандагон арзёбӣ карда, тибқи аҳкоми шариат консепсияи мукаммали никоҳро асоснок намудааст, ки чунин тафсилоти арзиши мазкури оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Кайковус ба назар намерасад;

- дар таълимоти Ғаззолӣ масъулият ва мавқеи шахс дар ҷомеа ва оила ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ӯ алоқаманд карда шуда, бар дӯши инсон бори ин дунёву охират ба таври нисбатан барҷаста гузошта шудааст.;

- «Кимиёи саодат» ҳамчун асари дидактикӣ хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он тамоми афкори пешқадами педагогии антиқӣ ва асримиёнагӣ оид ба проблемаҳои ахлоқию тарбиявӣ, аз ҷумла ташаккули арзишҳои оилавӣ дар омезиши ногусастанӣ бо андешаҳои пурқимати муаллиф инъикос ёфтаанд.

Нуктаҳои илмии аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда навгонӣ ва натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври мукаммал инъикос мекунанд, натиҷаи чорабиниҳои таҷрибавӣ-озмоишии дар муассисаҳои таълимӣ баргузоршуда самаранокии тавсияву равишҳои пешниҳодшударо дар ин маврид нишон медиҳанд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:* Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмии педагогиву психологӣ, фалсафиву иҷтимоӣ, осори бадеӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладориро дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори педагогии онҳо андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгор, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ дар мақолаи илмӣ ва маърузаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ «Таҳсилоти мактабӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли наврас» (ш. Душанбе, 17-20 сентябри соли 2016), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди таълим ва тарбия» (12 марти соли 2018), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ», бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ солҳои 2019-2021» (ш. Душанбе, 2019), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас, ҷавонон ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Душанбе, 2019) дар шакли маърӯзаи илмӣ пешниҳод, муҳокима ва тасвибу тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилоотии арзишманди илмиро фароҳам меорад ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад. Дар баробари ин, маводи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ гардонида, педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои он, ҳамчунин, пешниҳоду тавсияҳои ироашудакардаи муаллифи таҳқиқотро барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика метавон васеъ истифода кард, ки аз аҳамияти амалии таҳқиқот далолат мекунанд.

Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, инчунин дар таҳқиқотҳои минбаъдаи мавзуи мавриди таҳқиқ метавонанд мавриди истифодаи амалӣ қарор диҳанд.

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки муқаррароти зерин муаррифгари онанд:

- мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, аниқ кардааast;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик, аз ҷумла дар осори Унсуралмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ муайян кардааст;

- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷикро дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард кардааст;

- шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷикро оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян кардааст.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаи илмӣ ва маърузаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 11 номгӯй маводи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор» ба табъ расонида шудаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ, сарфи назар аз 2-3 ҳолат, ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалии дар фавқ изҳоршуда диссертатсия ва автореферати он баъзе нокисиву камбудиҳо ба назар расиданд, аз ҷумла:

1. Аз он ки таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек дар амри амалисозии муқаррароти асосии Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801) як саҳгузории басо шоиста арзёбӣ мешавад, бисёр хуб мешуд, агар дар қисмати “Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ”-и боби “Муқаддима”-и диссертатсия номи консепсияи мазкур зикр карда шавад.

2. Бо дарназардошти муқаррароти Сохтори намунавии нави диссертатсия, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ дар тасдиқ шудааст, зарур аст, ки қисмати “Методҳои таҳқиқот”-и боби “Тавсифи умумии таҳқиқот”-и диссертатсия хориҷ карда шуда, ба ҷойи он қисмати “Заминаҳои эмперикии таҳқиқот” коркард ва ворид карда шавад.

3. Унвонҷӯ таъкид кардаанд, ки “Дар заминаи таҳлили интиқодии мероси мутафаккирони халқи тоҷик таҳия намудани «Консепсияи ташаккули арзишҳои оиладорӣ» бамаврид аст”, ки пешниҳоди хеле хубу саривақтист. Аз ин рӯ, бисёр хуб мешуд, ки унвонҷӯй лоиҳаи тахминии ин Консепсияро таҳия ва дар диссертатсия ҷой медоданд, ки аз ин арзиши амалии таҳқиқот дучанд меафзуд.

4. Дар матни автореферати диссертатсия тибқи муқаррарот навиштани номи ҷадвалу диаграммаҳо фаромӯш шудааст.

5. Сарфи назар аз он ки забон ва тарзи баёни матни диссертатсия шоёни таъриф аст, мутаассифона, дар матни диссертатсия якчанд калимаву истилоҳҳо бо забони русӣ оварда шудаанд, ба монанди “категория”, “рейтинг”, “респондент” ва ғ., ки муродифашон дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, бисёр хуб мешуд, агар дар матни диссертатсия ин калимаҳо бо муродифашон иваз карда шаванд.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ва услубиву мантиқӣ роҳ ёфтаанд, ки зарур аст, онҳо таҳриру тадвин шаванд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаби дараҷаи илмӣ ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода М.Б.

08.06.2023

**Маълумот барои тамос:**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; Тел.+992 900 85 35 35;
Почтаи электронӣ: takmil-bbk@mail.ru.

*Имзои Каримзода Мирзобадалро тасдиқ мекунам.*

*Мудири бахши кадрҳо ва котиботи*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* ____________ *Саидова М.*